# ДАСТУР БАРОИ РӮЗНОМАНИГОРОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ КОРГУЗОРӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТӢ

**ш. Душанбе**

**2018 с.**

**ББК**

**Ч**

**Дастури мазкур барои муҳаррирони воситаҳои ахбори омма, журналистони дар чунин воситаҳо фаъолият дошта ва журналистони мустақил пешбинӣ шудааст. Дастур иттилоот маълумот дар муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатии корфармо ва коргар, фарқияти муносибатҳои меҳнатӣ ва гражданиву ҳуқуқ, дар бораи тартиби ба расмият даровардани муносибатҳои меҳнатӣ ва бисёре аз дигар масъалаҳои дигари марбут ба қонунгузории меҳнатро фаро мегирад. Ҳамчунин дар ин дастур бархе аз қоидаҳои коргузорӣ низ ҷой дода шудаанд.**

**Дастур аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии «Бюро оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» дар доираи лоиҳаи «Дастрасӣ ба адолати судӣ барои журналистон ва пешбари намудани стандартхои байналмилалӣ оид ба масъалаи озодии сухан ва баёни акида дар Тоҷикистон» таҳия гардида, бо дастгирии Фонди миллии рушди демократия ба чоп расидааст (NED).**

**Андешаҳои дар Дастур баён гардида, афкори Фонди миллии дастгирии рушди демократияро ифода намекунанд. (NED).**

**Мураттиб: Моҳира Усмонова**

**Теъдод: 300 нусха**

**Ройгон паҳн карда мешавад**

# ДАСТУР БАРОИ РӮЗНОМАНИГОРОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ КОРГУЗОРӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТӢ

## МУНДАРИЧА


**I. Муқаддима**

**II. Муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ**

1. Касб чист?
2. Ихтисос чист?
3. Баланд бардоштани ихтисос ?
4. Вазифа чист?
5. Ба мафҳуми фаъолияти эҷодӣ чӣ шомил мешавад?
6. Шартномаи меҳнатӣ чист?
7. Тарафҳо дар шартномаи меҳнатӣ кӣ мебошанд?
8. Шартномаи меҳнатӣ аз шартномаи граждонӣ-ҳуқуқӣ чӣ фарқ дорад?
9. Аз кадом синну сол бастани шартномаи меҳнатӣ имкон дорад?
10. Шартномаи меҳнатӣ чӣ гуна ба расмият дароварда мешавад?
11. Мундариҷаи шартномаи меҳнатиро чӣ ба вуҷуд овардааст?
12. Оё шартномаи меҳнатӣ бо муҳлати озмоишӣ низ баста мешавад?
13. Хангоми ба кор даромадан коргар кадом ҳуҷҷатҳоро пешниҳод мекунад?
14. Ҷараёни ба кор даромадан чӣ гуна ба расмият дароварда мешавад?
15. **Шартномаи меҳнатӣ ба кадом мухлат баста шуданаш мумкин аст**?
16. Дар шартномаи меҳнатӣ кадом ҳуқуқҳои корманд пешбинӣ шудаанд?
17. Кадом ӯҳдадориҳои корманд дар шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудаанд?
18. Корфармо кадом ҳуқуқ ва ухдадориҳоро соҳиб аст?
19. Доштани дафтарчаи меҳнатӣ ба кормандон оё ҳатмист?
20. Кадом ҳуҷҷатҳо собиқаи меҳнатии кормандро тасдиқ мекунанд?
21. **Дар ду (якчанд) ҷой кор кардан** чист ва оё корманд метавонад **дар ду (якчанд) ҷой кор кунанд**?
22. Музди меҳнат чӣ тавр пардохт карда мешавад?
23. Оё хусусиятҳои танзими меҳнати кормандони ҷудогона (масалан, кормандони воситаҳои ахбори умум) мавҷуд аст?
24. Тартиби пешниҳоди рухсатии ҳарсолаи музднок чӣ гуна аст?
25. Оё ба журналистон пешниҳод намудани рухсатии меҳнатӣ ягон хусусиятҳои хоса дорад?
26. Қонунгузорӣ оё мафҳуми кори фосилавиро пешбинӣ мекунад?
27. Дар кадом ҳолат корфармо метавонат кормандро аз кор дур намояд?
28. Оё корфармо шароити меҳнатро тағир медиҳад?
29. Дар кадом ҳолат шартномаи меҳнатӣ қатъ карда мешавад?
30. Дар кадом ҳолат шартномаи меҳнатӣ метавонад бо ташаббуси корфармо қатъ карда шавад?
31. Дар кадом муҳлатҳо корфармо бояд кормандро оид ба бекор кардани шартномаи меҳнатӣ огоҳ намояд?

32. Оё кормандро бо сабаби вазъи саломатӣ ба кори нисбатан сабуктар гузаронидан мумкин аст?

## III.КОРГУЗОРӢ

33. Оё ягон намуди талабот барои коргузорӣ дар корхонаҳо пешбинӣ шудааст?
34. Кадом намуди ҳуҷҷатҳо мумкин аст, ки дар корхонаҳо нашр карда шаванд ва онҳо чи тавр ба расмият дароварда мешванд?
35. Суратҷаласа чи тавр ба расмият дароварда мешавад?
36. Ҳуҷҷатҳо аз корхона чӣ тавр содир ва ба корхона ворид карда мешаванд?
37. Дар ташкилот кадом намуди дафтархои бакайдгири бояд тартиб дода шаванд?
38. Дар кадом мухлат ташкилот бояд ба мурочиатхои шахсони вокеи ва хукуки (макомот, ташкилотхо, муассисахо ва г.) чавоб дихад?
39. Чӣ тавр ҳуҷҷатҳоро ба таври дуруст дар корхона нигоҳ доштан мумкин аст?
40. Делаи шахсӣ чист?
41. Варақаи шахсӣ чист ва чи тавр ба расмият дароварда мешавад?
42. Варақаи шахсии корманд чист?
43. Коргузори оид ба мурочиатхои шахсони вокеи ва хукуки чи тавр ба рох монда мешавад?

## IV. ЗАМИМА

## V. ФЕҲРИСТИ МАВОДИ ИСТИФОДАШУДА

# I. МУҚАДДИМА

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» **- журналист** - шахси воѓеиест, ки ба хамъовар,b та[рир ва омода намудани ахбору мавод барои редаксияи восита[ои ахбори омма машѓул буда, бо ин редаксия тавассути **шартномаи (ѓарордоди) ме[натb** ё дигар муносибат[ои шартномавb алоѓаманд аст ва аз реи ваколати ба е додашуда фаъолият менамояд ва ё узви итти[одия[ои касбии журналистон мебошад;

Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ки - **редаксияи восита[ои ахбори омма** - шахсони воѓеb ва [уѓуѓb ё ташкилот[ои (зерсохтор[ои) он[о, ки нашри воситаи ахбори оммаро амалb мегардонанд;

Ҳамин тавр, дар матни қонуни дар боло зикрнамуда қайд мешавад, ки шартномаи меҳнатӣ яке аз асосҳои аслии ба миён овардани муносибатҳои меҳнатӣ миёни журналист ва идораи воситаи ахбори омма ба шумор меравад.

Муносибатҳои меҳнатӣ ҷавҳари мӯҳтавои ҳуқуқи меҳнатиро ташкил медихад. Онҳо воситахои ҳуқуқиеро тавлид мекунанд, ки яке аз муҳимтаринашон шартномаи меҳнатӣ ба шумор меравад.

Ба бастани шартномаи меҳнатӣ кафолатҳои мухими ҳуқуқи алокаманди доранд, ки бо қонунгузории меҳнат пешбини карда шудааст.

Журналистон бештар ба ҳуқуқшиносон бо хоҳиши фахмонида додани қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории меҳнат мурочиат мекунанд.

Бо сабаби он ки мақсадҳои аслии қонунгузории меҳнат муқаррар намудани кафолатҳои давлатии ҳуқуқи мехнати ва озодиҳо, ба вуҷуд овардани шароити мусоиди меҳнат, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандон ва корфармо мебошанд, журналистонро зарур аст, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меҳнатии худро ҳамчун корманд бидонанд ва идораи воситаҳои ахбори омма низ ҳамчун корфармо бояд ин ҳуқуқу озодиҳоро донад.

Лаҳзаи аз ҳама муҳим хамчунин ба роҳ мондани тарзи дурусти коргузорӣ ба шумор меравад.

Давлат риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии воситаҳои ахбори оммаро таъмин менамояд.[1] Аз ин рӯ, донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузории мехнат зарур ба шумор меравад.

---

[1] Моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма»

## II. МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

### 1. Касб чист?

Касб – ин намуди фаъолияти меҳнатие, ки донишу малакаи тавассути омӯзиш ва таҷриба андухташударо тақозо менамояд;

### 2. Ихтисос чист?

Ихтисос – ин маҷмӯи дониш, кордонӣ ва малакаи тавассути омодагии махсус ва таҷрибаи кории андӯхташудае, ки барои иҷрои навъи муайяни фаъолияти меҳнатӣ дар доираи касби мазкур зарур аст ва бо ҳуҷҷатҳои дахлдор дар бораи таҳсилот тасдиқ мешавад.[2]

### 3. Тахассус чист?

Тахассус– ин дараҷа ва намуди таълимоти касбӣ, яъне дараҷаи умумӣ ва махсуси омодагии кормандон мебошад, ки дар асоси намудҳои муайяни ҳуҷҷатҳо (аттестат, диплом, шаҳодатнома ва дигар ҳуҷҷатҳои муайян) тасдиқи худро пайдо мекунад.[3]

### 4. Вазифа чист?

Вазифа сарҳади ваколатҳои корманд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ ва дараҷаи ҷавобгарии вайро муқаррар месозад.

### 5. Зери мафҳуми фаъолияти эҷодӣ чи фаҳмида мешавад?

Фаъолияти эҷодӣ фаъолияте мебошад, ки ба эҷоди арзишҳои фарҳангӣ пайванд дорад.

Арзишҳои фарҳангӣ - ин воситаҳои моддӣ ва маънавие мебошанд, ки дорои хусусиятҳои дунявӣ ва динӣ, инчунин дигар арзишҳо буда, моҳияти таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ва фарҳангиро соҳиб ҳастанд.[4]

### 6. Шартномаи меҳнатӣ чист?

Шартномаи меҳнатӣ - ин созиши байни корфармо ва корманд, ки тибқи он корманд уҳдадор аст корҳоро аз рӯи як касб, якчанд касби муайян, ихтисос ё вазифа (мансаб) бо дараҷаҳои дахлдор, бо риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ иҷро намояд, корфармо бошад, уҳдадор аст барои ҳамин кор ба корманд пурра ва сари вақт музди меҳнат диҳад ва шароити меҳнатеро, ки Кодекси мехнати ҶТ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишномаҳои тарафҳо муайян намудаанд, таъмин кунад. [5]

---

[2] Моддаи 1 Кодекси меҳнати ҶТ
[3] Моддаи 1 Кодекси ҶТ
[4] Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг»
[5] Моддаҳои 1, 20 Кодекси меҳнати ҶТ

Шартномаи меҳнатӣ ва қарордоди меҳнатӣ – ҳарду мафҳуми ягона мебошанд.[6]

**7. Тарафҳои шартномаи меҳнатӣ киҳо мебошанд?**

Як тарафи шартномаи меҳнатӣ корманд (шахси вокеи) ва тарафи дигари он корфармо (метавонад шахси вокеи ё ҳуқуқӣ (ташкилот) бошад.

**8. Шартномаи меҳнатӣ аз шартномаи гражданӣ- ҳуқуқӣ чӣ фарқ дорад?**

Танҳо бо имзо ва бастани шартномаи меҳнатӣ бо корфармо инсон метавонад корманд (ҳамкор)-и коргоҳи мазкур гардида, тобеи тартиботи меҳнатии дохилӣ, речаи меҳнатии он шавад.

Журналист уҳдадор аст, ки оинномаи фаъолияти идораи воситаи ахбори оммаро, ки бо он муносибатҳои меҳнатӣ дорад, риоя намуда, аз рӯи нишондодҳои он амал намояд. …[7]

Бо ин шартномаи меҳнатӣ аз шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, ки ба расонидани хизматрасониҳои алоҳида барои идораҳои ВАО аз ҷониби журналистон алоқаманд мебошанд, фарқ мекунад.

Агар инсон барои идораи ВАО ягон хизматрасониро ба сомон расонад (масалан, журналист дар идораи мазкур кор намекунад, аммо бо хоҳиши идора маводи муайяне, мақола ё сужае таҳия мекунад), он гоҳ дар ин ҳолат бо журналист шартнома оид ба хизматрасонии пардохтшаванда баста мешавад.

Аз рӯи шартномаи пардохтшавандаи хизматрасонӣ иҷрокунанда уҳдадор мешавад, ки ба фармоишгар хизматрасониро ба иҷро расонад (амалиёти муайянеро ба сомон расонад ё фаъолияти муайянеро иҷро намояд) фармоишгар бошад уҳдадор мешавад, ки хизматрасонии мазкурро падохт намояд.[8]

Ҳамин тавр, агар инсон ба кор барои иҷрои вазифаи муайяни меҳнатӣ дар муҳлати муайяни вақт ё бе муҳлати муқарраршуда бо пардохти мунтазами музди менат ва пешниҳоди кафолатҳои меҳнатӣ қабул карда шавад (рухсатӣ, ҷубронпулӣ, имтиёзҳо ва ғ.), онгоҳ бо ӯ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Дар ҳолати бастани шартномаи меҳнатӣ тарафҳои шартнома корфармо ва коргар мешаванд.

Агар инсон ба ташкилот (идораи ВАО) хизматрасоние пешниҳод намояд (аз рӯи қоида якнавбата), ки баъд аз анҷоми он музди кораш пардохта мешавад, он гоҳ бо ӯ шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ баста мешавад. Дар ин ҳолат тарафҳои шартнома фармоишгар ва иҷрокунанда мешаванд.

Ҳамчунин нишонаҳои махсуси фарққунандаи шартномаи меҳнатӣ аз шартномаи гражданӣ- ҳуқуқӣ аз инҳо иборатанд:

- Шартномаи меҳнатиро Кодекси меҳнати ҶТ ба танзим медарорад, шартномаи гражданӣ- ҳуқуқиро – Кодекси граждании ҶТ.
- Муҳтавои шартномаи меҳнатиро иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ дар асоси ба кор қабул намудани коргар ба воҳиди штатии корхона мутобиқ ба ҷадвали шататӣ ташкил медихад. Шартномаи гражданӣ- ҳуқуқӣ бошад аз рӯи натиҷаи ниҳоии хизматрасонӣ муқаррар карда мешавад ва меҳнат дар он воситаи иҷрои уҳдадориҳои бар дӯши худ гирифташуда ба шумор меравад.
- Қайд дар бораи кор аз рӯи шартномаи меҳнатӣ ба дафтарчаи меҳнатӣ ворид карда мешавад. Дар шартномаи гражданӣ- ҳуқуқӣ бошад тавассути Санад дар бораи пешниҳод ва қабули натиҷаи корҳои иҷрокардашуда ба расмият даровarда мешавад.
- Аз рӯи шартномаи меҳнатӣ барои кормандон корфармо Қоидаҳои тартиботи мехнатии дохилиро муқаррар намуда, шароити меҳнатиро, ки қонунгузорӣ

[6] Моддаи 1 Кодекси меҳнати ҶТ
[7] Моддаи 29 Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори умум»
[8] Моддаи 797 Кодекси граждании ҶТ (қисми 2)

муқаррар сохтааст, таъмин менамояд. Ашхосе, ки тавассути шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ амал мекунанд, кабул ва тарзи иҷрои фармоишро мустақилона муайян менамоянд.

- Аз рӯи шартномаи меҳнатӣ пардохти музди кормандон ба сифат ва саҳми меҳнатии онҳо вобастагӣ дорад. Дар ин ҳолат, воҳидҳои тарифӣ ва ҳуқуқӣ қабуд карда мешавад ва музди меҳнат бояд мунтазам дар мухлатҳои муқарраршуда пардохт карда шавад. Дар шартномаи гражданӣ- ҳуқуқӣ нархи кори иҷрокардашуда (хизматрасонӣ) тибқи қоида дар шартнома бо ризояти тарафҳо муайян карда мешавад ва пардохти маблағ (мукофотпулӣ ё ҳаққи қалам) одатан баъд аз анҷоми кор сурат мегирад.
- Аз рӯи шартномаи меҳнатӣ барои иҷро нашудани уҳдадориҳо аз тарафи корманд ҷавобгарии интизомӣ, ки онро Кодекси меҳнати ҶТ муқаррар намудааст, пешбинӣ мегардад. Аз рӯи шартномаи гражданӣ- ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо ҷавобгарии гражданӣ – ҳуқуқӣ, ки онро Кодекси гражданиии ҶТ муқаррар намудааст, ба миён меояд.
- Аз рӯи шартномаи меҳнатӣ барои зарари ба корхона расонидашуда ҷавобгарии моддӣ, ки онро Кодекси меҳнати ҶТ муқаррар намудааст, пешбинӣ мегардад.

**9. Аз кадом синну сол шартномаи меҳнатӣ бастан мумкин аст?**

Шаҳрванде, ки ба синни понздаҳ расидааст, метавонад ҳамчун корманд тарафи шартномаи меҳнатӣ бошад.

Дар ҳолати истисно бо таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ расидаанд, инчунин таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ нарасидаанд ва дар театрҳо, ташкилотҳои банаворгирии кино, консертҳо, сиркҳо ва дигар ташкилотҳои эҷодӣ бе зарар расонидан ба саломатӣ ва инкишофи маънавиашон иштирок менамоянд, бо мувофиқаи падар ё модар ва дигар шахсони тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ивазкунанда бе халалдор кардани раванди таълим метавонанд шартномаи меҳнатӣ банданд.[9]

**10. Шартномаи меҳнатӣ чӣ гуна ба расмият дароварда мешавад?**

Шартномаи меҳнатӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

Шартномаи меҳнатӣ дар ду нусха ва бо имзои тарафҳо- корфармо ва коргар тартиб дода мешавад. Як нусхаи шартнома ба коргар дода мешавад ва нусхаи дувумро корфармо ҳифз менамояд. Ҳар ду нусха қувваи ягона доранд.

Ҳамагуна тағирот ва иловаҳо ба шартномаи меҳнатӣ низ дар шакли хаттӣ ба расмият дароварда шуда, ба онҳо тарафҳо имзо мегузоранд.

Агар тағирот ва иловаҳо бо ташаббус як тараф пешниҳод шавад, онгоҳ пешниҳод дар бораи тағирот ба шартномаи меҳнатӣ ба ҷониби дигари ин шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ дода мешавад. Ин пешниҳод аз ҷониби тарафи дигар дар мухлати се рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ворид гардидани он баррасӣ карда мешавад. [10]

11. **Мундариҷаи шартномаи меҳнатиро чӣ ба вуҷуд овардааст?**

Мундариҷаи шартномаи меҳнатӣ ин маҷмӯи шартҳое мебошанд, ки тарафҳои он, Кодекси меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ муқаррар намудаанд.

Шартҳои ҳатмие, ки бояд дар шартномаи меҳнатӣ зикр карда шаванд:[11]

- Нишондодҳои корфармо, ки шахси ҳуқуқӣ ба шумор меравад (номи ташкилоте, ки аз шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони

[9] Моддаи 21 Кодекси меҳнати ҶТ
[10] *Моддаи 26* Кодекси меҳнати ҶТ
[11] Моддаи 24 қисми 2 Кодекси меҳнати ҶТ

ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои таъсискунанда гирифта шудааст). Дар сурати мавҷуд будани ташкилоти болоӣ номи он низ дар шартнома инъикос меёбад;

- насаб, ном, номи падар, номгӯй, шумора ва санаи додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, суроғаи доимии ҷои истиқомат ва рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- агар корфармо шахси вокеи бошад, масалан, соҳибкори инфиродӣ, он гоҳ дар шартнома ному насаб, номи падар, рақам ва санаи додани ҳуҷҷати тасидқкунандаи шахсияти ӯ суроғаи доимии ҷои истиқомат ва рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) низ сабт мегардад;
- ҷойи кор *(ин худи корхона ва воҳидҳои сохтории он (филиал, намояндагӣ);*
- вазифаи ишғолнамудаи корманд *(ин бо роҳи нишон додани кор аз рӯи вазифа ва мувофиқи ҷадвали воҳидҳои корӣ, касб, ихтисос бо нишон додани дараҷа ва намуди мушаххаси кори ба корманд пешниҳод шуда сурат мегирад);*
- тавсифи шароити меҳнат, кафолат ва имтиёзҳо, агар кори иҷрошуда ба гурӯҳи корҳои душвор ва зараровар ва хатарнок ворид шавад. *Шароити меҳнат – ин маҷмӯи омилҳои воситаҳои истеҳсолӣ ва раванди меҳнат мебошад, ки ба нерӯи корӣ ва саломатии корманд таъсир мерасонад. Дар ин ҳолат, агар бо иҷрои кор пешниҳоди ҷубронпулӣ ва имтиёзҳо алоқаманд бошад, дар шартномаи меҳнатӣ бояд тавсифи шароти меҳнат ва ҷуброну имтиёзҳои марбут ба он (намуд, ҳаҷм, шароити пардохт) нишон дода мешавад, масалан, пешниҳоди рухсатиҳои илдовагии пардохтшаванда ба кормандоне, ки ба корҳои ба саломатии онҳо зараровар, дорои шароити кории хатарнок ва давомнокии тӯлонии меҳнатӣ машгул ҳастанд ва г.;*
- санаи оғози кор. *Корманд уҳдадор аст, ки ба иҷрои уҳдадориҳои шартномаи меҳнатӣ аз рӯзи муайяншуда дар шартномаи меҳнатӣ огоз намояд. Агар дар шартномаи меҳнатӣ санаи огози кор муқаррар нашуда бошад, он гоҳ корманд бояд аз рӯзи дигари баъд аз қувваи қонунӣ гирифтани шартнома ба кор шурӯъ намояд. Шартномаи меҳнатӣ аз рӯзи имзои тарафҳо – корфармо ва корманд ба он қувваи қонунӣ мегирад. Корманд аз рӯзи мушаххаси дар фармони (таъинот)-и корфармо зикршуда ба кор қабулшуда ба ҳисоб меравад. Ин сана бояд ба рӯзи ба кор қабул шудани корманд, ки дар шартномаи меҳнатӣ зикр шуда, мутобиқат дошта бошад. Кафолати ҳуқуқӣ ба кор роҳ дода шудани корманд тавассути дониш ё бо воситаи дастури корфармо ва ё намояндаи он ба шумор меравад. Агар шартномаи меҳнатӣ бо айби корфармо баста ё ба расмият даровaрда нашуда, аммо корманд ба кор огоз карда бошад, он гоҳ дар ин ҳолат муносибатҳои меҳнатӣ аз рӯзи ба кор огоз намудани корманд огозшуда ба ҳисоб мераванд.*[12]
- муҳлати шартномаи меҳнатӣ.
- реҷа ва ҷадвали вақти корӣ;
- вақти истироҳат ва давомнокии рухсатии меҳнатии корманд;
- ҳаҷм ва дигар шароити пардохти музди меҳнат;
- ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо;
- ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корманд;
- тартиби тағирот ва қатъи шартномаи меҳнатӣ;
- кафолат ва ҷубронпулиҳо, тартиби пардохти онон;
- шароити суғуртакунӣ;
- ҷавобгарии тарафҳо;
- санаи бастани шартномаи мехнати ва рақами тартибӣ.

[12] Моддаи 26 қисми 10 Кодекси меҳнати ҶТ

**12. Оё шартномаи меҳнатӣ бо муҳлати санчиши низ баста мешавад?**

Бале, бо корманд мумкин аст, шартномаи меҳнатӣ бо санҷиши пешакӣ баста шавад. Муҳлати санҷишӣ набояд аз се моҳ зиёд бошад.

Қабул ба кор бо муҳлати санҷишӣ бояд дар шартномаи меҳнатӣ нишон дода шавад. Агар дар шартномаи меҳнати кайд дар бораи муҳлати санҷишӣ набошад, он гоҳ корманд ба кор қабулшуда бе муҳлати санҷишӣ ҳисобида мешавад. [13]

**13. Кадом ҳуҷҷатҳоро корманд ҳангоми ба кор қабул шудан пешниҳод мекунад?**

Ҳангоми ба кор қабул шудан корманд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд[14]:

- шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият (шаҳодатномаи таваллуд барои шахсоне, ки ҳанӯз ба синни 16 солагӣ нарасидаанд);
- дафтарчаи меҳнатӣ ё дигар ҳуҷҷате, ки фаъолияти меҳнатиро тасдиқ мекунад, агар корманд бори аввал ба кор қабул шавад, он гоҳ дафтарчаи меҳнатӣ талаб карда намешавад;
- ҳуҷҷат дар бораи маълумот, оид ба донишхои махсус, дараҷаи касбӣ, ихтисос ё омодагии касбӣ барои бастани шартномаи меҳнатӣ ба корҳое, ки дониш, маҳорат ва истеъдоди махсус талаб мекунанд;
- барои ухдадорони ҳарбӣ – билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи бақайдгирии ҳарбӣ;
- ҳуҷҷат дар бораи гузаштан аз муоинаи пешакии тиббӣ (барои шахсоне, ки гузаштан аз ташхиси тиббӣ мутобиқ ба Кодекси меҳнати ҶТ ва дигар қонунгузории ҶТ ҳатмӣ аст, барои ҳамаи дараҷаи кормандон ҳатмӣ нест). *Ташхиси ҳатмии тиббӣ қабл аз бастани шартномаи меҳнатӣ ба шахсони то 18 сола[15], ҳамчунин кормнандоне, ки дар ҷойҳои кории шумор ва бо шароити хатарноку зараровари меҳнатӣ кор мекунанд, аз ҷумла кормандоне, ки дар зери замин ё шабона кор мекунанд, инчунин кормандоне, ки бо воситаҳои нақлиёти ҳаракаткунанда бо мақсади муайян намудани мутобиқати корҳои иҷрошуда бо саломатии онҳо ё огоҳ намудани бемориҳои касбӣ кор мебаранд. Ҳамчунин аз ташхиси тиббӣ бо мақсади ҳифзи саломатии аҳолӣ кормандоне низ гузаранд, ки дар муассисаҳои хӯроки умумӣ, саноати хӯрокворӣ, савдо ва дигар соҳаҳои хизматрасонии аҳолӣ кору фаъолият доранд[16];*
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи доштани рақами мушаххсаи андозсупоранда (РМА) ва шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ (СИН);
- маълумотнома дар бораи мавҷуд будан ё набудани доғи судӣ ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ барои корхое, ки мутобиқ ба қонунгузории ҶТ пешниҳоди чунин ҳуҷҷат ҳатмӣ аст *(барои на ҳама намуди корҳо зарур аст).*
- агар корманд шаҳванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ дорад, бояд гувоҳномаи иқомат ё шаҳодатнома дар бораи шахсияти бешаҳрвандӣ ва ё шаҳодатномаи гурезагӣ пешниҳод намояд;

Корфармо ҳуқуқ надорад, ки аз шахси ба кор қабулшаванда дигар ҳуҷҷатҳоеро талаб намояд, агар қонунгузории ҶТ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

**14. Ба кор қабул шудан чӣ тавр ба расмият дароварда мешавад?**

---

[13] Моддаи 28 Кодекси меҳнати ҶТ
[14] Моддаи 26 қисми 4 Кодекси меҳнати ҶТ
[15] Моддаи 210 Кодекси меҳнати ҶТ
[16] Моддаи 333 Кодекси меҳнати ҶТ

Корманд бояд ба корфармо барои ба кор даромадан аризаи хаттӣ пешниҳод намояд. Қабул ба кор бо санад (фармон ё амр)-и корфармо ва ё шахси ваколатдори у ба расмият дароварда мешавад.

Маълумот дар бораи ба кор қабул намудани корманд, ки дар мундариҷаи фармон ( амр ) зикр шудаст, бояд ба пуррагӣ ба шартномаи меҳнатии бо корманди аниқ басташуда мутобиқат намояд.

Маълумот дар бораи қабул ба кор ба дафтарчаи меҳнатии корманд бо ишорат ба фармон (таъинот) рақам ва санаи ба имзо расидани он ворид карда мешавад.

Санади мазкур дар давоми на камтар аз 3 рӯзи корӣ ба корманд бо имзо гузоштан ба он эълон мегардад.

Корманд ҳуқуқ дорад, ки аз корфармо нусхаи тасдиқшудаи фармон (амр)-и ба кор қабул шуданро талаб намояд.

Ҳангоми қабул ба кор корфармо уҳдадор аст, ки кормандро бо қоидаи тартиботи дохилии ташкилот ва дигар санадҳои меъёрии ба вазифаҳои меҳнатии корманд дахлдошта шинос намояд.

**15. Шартномаи меҳнатӣ ба кадом мухлат баста шуданаш мумкин аст?**

Шартномаи меҳнатӣ мумкин аст, ки ба муҳлати номуайян (вақте ки кори доимӣ пешниҳод карда мешавад) баста шавад. Дар ин ҳолат дар шартномаи меҳнатӣ санаи оғози кор нишон дода шуда, таърихи ба анҷом расидани он зикр намегардад.

Шартномаи меҳнатӣ имкон дорад, ки дар муҳлати муайян баста шавад, ки онро инчунин шартномаи меҳнатии муҳлатнок ё таъҷилӣ низ меноманд. (Дар зери мафҳуми таъҷилӣ на шартномаи босуръат фаҳамида мешавад, балки шартномае дониста мешавад, ки бо зикри муҳлати мушаххаси анҷоми кор баста мешавад. Шартномаи меҳнатии муҳлатнок дар ҳамон ҳолатҳое баста мешавад, ки вақте муносибатҳои меҳнатӣ ба муҳлати номуайян бо сабаби хислати пешбинии корӣ ва шароити иҷрои онҳо ба расмият даровarда намешаванд. Мухлати шартномаи муҳлатнок бояд на камтар аз як солро фаро гирад.

Ҳамчунин, шартномаи меҳнатӣ имкон дорад, ки ба муҳлати муайян барои иҷрои уҳдадориҳои корманди мавҷуд набуда, ки ҷойи кории ӯ нигоҳ дошта мешавад, баста шавад. Масалан, агар корманд дар рухсатии нигоҳубини фарзанд қарор дошта бошад, ҷои кори ӯ нигох дошта мешавад. Ҳангоми дар рухсатии нигоҳубони фарзанд қарор доштани корманд онро дигар кас иваз менамояд. Вақте ки рухсатии нигоҳубони фарзанд ба анҷом расид, корманди дар рухсатӣ қарордошта дубора ба кор шурӯъ менамояд.

Шартномаи меҳнатӣ мумкин аст, ки дар муҳлат иҷрои кори муайян баста шавад.

Ҳамчунин шартномаи меҳнатии дорои муҳлати маҳдуд имкон дорад, ки дар замони иҷрои корҳои мавсимӣ (маслана, ҷамъоварии ҳосил) баста шавад. Корҳое мавсимӣ дониста мешаванд, ки дар муҳлати муайян (мавсимӣ) бар асоси шароити табиию - иқлимӣ иҷро шуда, замони онҳо аз 6 моҳ намегузарад.

Агар дар шартномаи меҳнатӣ муҳлати амали он нишон дода нашуда бошад, он гоҳ вай шартномаи ба муҳлати номуайян басташуда ҳисоб меравад ва он бе розигии корманд аз нав баста намешавад.[17]

**16. Дар шартномаи меҳнатӣ кадом ҳуқуқҳои корманд пешбинӣ шудаанд?**

Дар шумори ҳуқуқуҳои асосии корманд Кодекси меҳнати ҶТ ҳуқуқҳои зеринро шомил намудааст[18]:

[17] Моддаи 25 Кодескси меҳнати ҶТ

[18] Моддаи 18 Кодескси меҳнати ҶТ

- барои бастан, ворид намудани тағирот ва иловаҳо, қатъи шартомаи меҳнатӣ бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати ҶТ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ;
- барои пешниҳоди корҳое, ки дар шартномаи меҳнатӣ муайян шудаанд, яъне аз рӯи вазифаи мушаххаси меҳнатӣ (ихтисос, дараҷаи касбӣ, вазифа). Вазифаи меҳнатӣ танҳо бо ризояти тарафҳо тағир дода мешавад;
- барои ҷои коре, ки ба шароитҳои муқаррарнамудаи талаботи меъёрии ҳифзи меҳнат ҷавобгӯ мебошанд, ҳуқуқ барои саломатӣ ва шароити бехатарии меҳнат;
- барои саривақт ва ба таври пурра гирифтани музди меҳнат мувофиқи дараҷаи касбӣ, мураккабии меҳнат, шумора ва сифати корҳои ба иҷро расонида;
- ҳуқуқ барои истирохат, ки муқаррароти давомнокии муътадили корӣ муайян намудааст, кам кардани рӯзи корӣ барои касб ва дараҷаи алоҳидаи кормандон, истифода аз рӯзҳои истироҳати ҳафтаина, рӯзҳои ғайрикории идӣ, рухсатиҳои харсолаи пардохтшаванда;
- ҳуқуқ барои омодагии касбӣ ва азнавтайёркуни кормандон, баланд бардоштани тахассусмандӣ. Ҳуқуқ барои омодагии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва баланд бардоштани ихтисос тавассути бастани шартномаи иловагӣ миёни корфармо ва корманд ба амал баровარда мешавад. Корфармо талаботи истеҳсолотро ба мутахассисони ҷудогона, кадрҳои тахассусӣ, дараҷаи муайяни касбии онҳоро мвриди омӯзиш қарор мегирад. Дар ҳолати мавҷуд будани чунин талабот корфармо татбиқи амалии ҳуқуқҳои мазкурро бевосита дар ташкилот ва ё дигар муассисаҳои омӯзишӣ таъмин мекунад;
- ҳуқуқ барои муттаҳидкунӣ, бо назардошти ҳуқуқ барои таъсиси иттифоқҳои касаба ва ворид шудан ба онҳо бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ;
- ҳуқуқи бурдани гуфтугузорҳои ҷомеавӣ ва бастани шартномаҳои коллективӣ ва дигар аҳдномаҳо тавассути намояндагиҳои худ;
- ҳуқуқ барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ тавассути ҳамаи усулҳое, ки қонун манъ накардааст;
- ҳуқуқ барои баррасии баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва умумӣ;
- ҳуқуқ барои шикоят бурдан аз рӯи амалҳо (бефаъолиятӣ)-и корфармон дар муносибатҳои меҳнатӣ;
- ҳуқуқ барои бартараф намудани зараре, ки ба саломатӣ ва моликияти вай дар робита ба иҷрои уҳададориҳои меҳнатӣ расидааст;
- ба суғуртаи ҳатмӣ ва пардохтҳо оид ба суғуртаи иҷтимоӣ. Суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ – ин суғуртаи маҷбурии иҷтимоӣ мебошад. Ба чунин суғурта ҳама кормандоне, ки аз рӯи шартномаи меҳнатӣ фаъолият мебаранд, новобаста аз хоҳиши онҳо таллуқ доранд. Суғурта намудани корманд ин уҳдадории корфармо мебошад. Суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ дар пардохти саҳмҳои суғуртавӣ ва намудҳои мувофиқи таъминот ё хизматрасонӣ аз ҳисоби воситаҳои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ифода меёбад.
- Корманд дигар ҳуқуқҳое низ дорад, ки Кодекси меҳнати ҶТ ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқи муқаррар намудаанд.

**17. Кадом ӯҳдадориҳои кормандро шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ менамояд?**

Ба шумори уҳдадориҳои асосии корманд инҳо дохил мешаванд:

- шаффоф иҷро намудани уҳдадориҳои меҳнатие, ки шартномаи меҳнатӣ санадҳои дигари корфармо ба уҳдаи вай гузоштанд;

- риояи интизоми меҳнат;
- муносибати эҳтиёткорона бо моликияти корфармо ва кормандон; риояи талабот оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, бехатарии сухтор ва санитарияи истеҳсолӣ дар ҷойи кор;
- ба корфармо оид ба ҳолатҳои ба вуҷуд омада, хатарҳои ба ҳаёт ва саломатии одамон ҷойдошта, ҳифзи моликияти корфармо ва кормандон, ҳамчунин дар бораи вақти корношоям хабар диҳад;
- маълумоте, ки дар он сирри давлатӣ, хидматӣ, тиҷоратӣ ва дигар асрори ҳифзкунандаи қонун ҷой дорад ва ба ӯ вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ маълум гардидааст, паҳн насозад;
- зарарҳои ба корфармо расонидаи худро дар доираи муқаррароти Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ бартараф намояд;
- дигар уҳдадориҳоеро, ки Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ муқаррар намудаанд, иҷро намояд.

**18. Корфармо кадом ҳуқуқу уҳдадориҳоро дорост?**

Бо сабаби он ки шартномаи меҳнатӣ аҳдномаи дуҷониба мебошад, қонунгузор ҳуқуқ ва уҳдадориҳои на танҳо корманд, балки корфарморо низ пешбинӣ намудааст.

*Корфармо чунин ҳуқуқҳоро дорост*[19]:

- шартномаҳои меҳнатӣ ва аҳдномаҳоро бо тартиб ва асосҳои пешбининамудаи Кодекси меҳнат ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ бандад, ба онҳо тағиру иловаҳо ворид намояд, қатъ намояд;
- санадҳои меъёрии дохилиеро дар доираи ваколатҳои худ қабул намояд, ки онҳо барои кормандони корхона ҳатмӣ ҳастанд *(Масалан, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ);*
- аз кормандон барои иҷрои шартҳои шартномаи меҳнатӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат ва дигар санадҳои корфарморо талаб намояд;
- бо мақсади намояндагӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ иттиҳодияро ташкил диҳад;
- кормандонро хавасманд гардонад, инчунин ба ҷавобгарӣ ҷалб намояд;
- барои бартараф намудани зарарҳои расонидаи кормандон онҳоро ҷалб намояд;
- хангоми қабул ба кор мухлатҳои санчиширо муқаррар созад;
- дигар ҳуқуқҳоеро низ соҳиб аст, ки Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ муқаррар намудаанд;

*Корфармо уҳдадор аст:*

- қонунгузории меҳнат, дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиву меъёрӣ, санадҳои меъёрии дохилӣ, аҳдномаҳо, шартномаҳои коллективӣ ва шартномаҳои меҳнатиро риоя намояд;
- ҳангоми қабул ба кор бо кормандон аз рӯи тартибот ва муқаррароти Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ шартномаҳои меҳнатиро бандад;
- ба корманд кореро, ки дар шартномаи меҳнатӣ нишон дода шудааст, пешниҳод намояд;

[19] Моддаи 19 Кодекси меҳнати ҶТ

- кормандонро бо қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат дар корхона, шартномаи меҳнатӣ, қарордодҳо ва шартномаҳои коллективӣ, дигар санадҳои корфармо, ки бевосита ба кори корманд муносибат доранд, шинос намояд;
- саривақт ва дар шакли пурра музди меҳнат ва дигар пардохтҳоро дастрас намояд;
- шароити меҳнат ва талабот оид ба бехатарӣ, ҳифзи меҳнат, бехатарӣ аз сухтор, ҳолати санитарӣ ва гигениро дар ҷои кор таъмин намояд;
- кормандонро бо таҷҳизот, дастурҳо, ҳуҷҷатҳои техникӣ ва дигар воситаҳои барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ зарур аз ҳисоби воситаҳои худӣ таъмин намояд;
- суғуртаи ҳатмии иҷтимоии кормандониро ба амал бароварад;
- кормандро барои ҳолати нохушӣ ҳангоми иҷрои уҳдодриҳои меҳнатӣ (хидматӣ) суғурта намояд;
- ба корманд рухсатӣ диҳад;
- кормандро дар бораи ҳолатҳои зараровар (махсусан зараровар) ва шароити хатарноки меҳнат ва имкониятҳои бемориҳои касбӣ огоҳ намояд;
- ҳисоботи дақиқи вақти меҳнатӣ барад, аз ҷумла корҳои сарборӣ, кор дар шароити зараровар ва хатарноки меҳнатӣ, фаъолият дар корҳои душвор;
- зарари ба ҳаёт ва саломатии корманд расонидашударо ҳангоми иҷрои уҳдадориҳояш талофи намояд;
- ҳифз ва ба бойгонии давлатӣ додани ҳуҷҷатҳои тасидққунандаи фаъолияти меҳнатии корманд ва маълумот дар бораи доштан ва пардохтани маблағҳо барои таъминоти нафақаи онҳоро таъмин созад;
- гузаштани таҷрибаомузи, омодагии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва баланд бардоштани тахассусмандии кормандонро таъмин намояд;
- кореро, ки барои ҳаёт, бехатарӣ ва саломатии корманд ва дигар шахсон хатар эҷод менамояд, боздорад;
- дастурҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро дар соҳаи меҳнат иҷро кунад;
- дигар уҳдадориҳоеро, ки Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, иҷро намояд.

**19. Барои кормандон бурдани дафтарчаи меҳнатӣ оё ҳатмист?**

Дафтарчаи меҳнатӣ ҳуҷҷати асосӣ дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва собиқаи кории корманд ба шумор меравад.

Корфармо уҳдадор аст, ки барои ҳамаи кормандони дар корхона бештар аз 5 руз фаъолият бурдаанд, дафтарчаи меҳнатӣ ташкил дода, пешбурди онро ба роҳ монад.

Ба кормандоне (хонагӣ ва кормандони хонагӣ), ки барои шахсони алоҳидаи вокеи кор мекунанд, дафтарчаи меҳнатӣ ташкил карда намешавад.

Дар дафтарчаи меҳнатӣ маълумот дар бораи қабул ба кор, гузаштан ба дигар кори доимӣ бо нишон додани касб, тахассус, вазифа (мувофиқ бо санадҳои меъёрии муқаррарнамудаи касб ва вазифаи корманд) ва аз кор озод намудан бо нишон додани асосҳои қатъи шартномаи меҳнатӣ, инчунин мукофотҳо ва қадршиноси барои фаъолияти назарраси корӣ сабт мегардад.

Дар рӯзи қатъи шартнома меҳнатӣ корфармо уҳдадор аст, ки ба корманд дафтарчаи меҳнатии ӯро диҳад. Дафтарчаи меҳнатӣ ба корманд дар рӯзи охирини корӣ дода мешавад. Дар ҳолати таъхир дар додани дафтарчаи меҳнатӣ бо айби

корфармо барои корманд барои ҳар рӯзи таъхир музди миёнаи меҳнатӣ пардохт карда мешавад.[20]

**20. Кадом ҳуҷҷатҳо собиқаи кории кормандро тасдиқ мекунанд?**

Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи собиқаи кории корманд метавонанд ҳар яке аз ин ҳуҷҷатҳо бошанд:

- дафтарчаи меҳнатӣ;
- шартномаи меҳнатӣ;
- нусха аз санадҳои корфармо, ки оғоз ва қатъи муносибатҳои меҳнатиро дар асоси бастан ва қатъи шартнома тасдиқ мекунанд;
- нусха аз варақа дар бораи додани музди меҳнати кормандон;
- рӯйхати хидматӣ (феҳристи маълумот дар бораи кор, фаъолияти меҳнатии корманд), ки корфармо дар он имзо гузоштаву бо муҳри коргоҳ ё идораи нотариалӣ тасдиқ гардидааст;
- маълумотномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи пардохти саҳм ба хазинаи нафақа;
- маълумотномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи пардохти саҳм ба хазинаи нафақа суғуртаи ҳатмии давлатӣ;
- маълумотнома аз бойгонӣ дар бораи фаъолияти меҳнатии корманд;
- дигар ҳуҷҷатҳое, ки тибқи муқаррарот тасдиқ шудаанд. [21]

**21. Дар ду (якчанд) ҷой кор кардан** чист ва оё корманд метавонад **дар ду (якчанд) ҷой кор кунанд**?

**Дар ду (якчанд) ҷой кор кардан** иҷрои кори дигар аз ҷониби корманд дар вақт ва ё замони озод аз кор ё машғул шудан ба кори доимии пардохтшаванда бар асоси шартномаи меҳнатӣ мебошад.

**Дар ду (якчанд) ҷой кор кардан** танҳо дар вақтҳои озод аз вақти кори асоси: то оғоз ё баъд аз анҷоми кор ё дар рӯзҳое, ки ба кори асосӣ банд намебошад- рӯзҳои истироҳат ва идӣ, рӯзҳои рухсатиҳо.[22]

Корманд ҳуқуқ дорад, ки шартномаи меҳнатиро оид ба кори муштарак бибанданд. Дар шартномаи меҳнатӣ бояд ба таври ҳатмӣ нишон дода шавад, ки корманд ба таври муштараквазифа ба кор қабул шудааст.

Пардохти музди меҳнати кормандони дар ду (якчанд) ҷой коркунанда, мутаносибан ба вақти кории ӯ сурат мегирад.[23]

Барои дар ду (якчанд) ҷой кор кардан, розигии корфармо аз ҷойи кори асосӣ талаб карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.[24]

Дар ду (якчанд) ҷой кор кардани шахсони синнашон то ҳаждаҳ, занони ҳомила, инчунин дар корҳои шароити меҳнати зарарнок дошта, агар кори асосӣ низ ҳамин гуна шароитҳоро дошта бошад, манъ аст.[25]

Шартномаи меҳнатӣ оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан, бо ташаббуси корфармо дар ҳолате қатъ карда мешавад, ки агар бо корманд ҳамчун кори асосӣ шартномаи меҳнатӣ баста шавад.[26]

---

[20] Моддаи 52 Кодекси меҳнати ҶТ

[21] Моддаи 52 Кодекси меҳнати ҶТ

[22] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи шароитҳои корӣ оид ба пардохти музди меҳнати муштараквазифа ва соатбайъи кормандони корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар таҳтири нави Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.04.2009с .№215)

[23] Моддаи 155 КМ ҶТ

[24] Моддаи 228 КМ ҶТ

[25] Моддаи 229 КМ ҶТ

Корфармо метавонад коргарро барои кори муштарак бо ризояти ӯ дар доираи на бештар аз нисфи вақти кории муътадил даъват намояд. (барои мисол, дар ҳолати 5 рӯзи кориӣ будани як ҳафта рӯзи корӣ набояд аз 8 соат бештар бошад. Мутаносибан ба ин, ҳангоми **дар ду (якчанд) ҷой кор кардан** рӯзи корӣ набояд аз чаҳор соат бештар бошад).

Ба кормандоне, ки аз рӯи шартномаи меҳнатӣ **дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд** , рухсатии музднокии солона дар як вақт бо рухсатӣ аз ҷои кори асосӣ дода ва пардохта мешавад.[27]

Қайд дар дафтарчаи меҳнатӣ ҳангоми **дар ду (якчанд) ҷой кор кардан** бо хоҳиши корманд тавассути корфармо дар ҷойи кори асосӣ сурат мегирад.

Дигар ягон хел қайд дар бораи коре, ки ҳангоми **дар ду (якчанд) ҷой кор кардан** иҷро мешавад, ба дафтарчаи меҳнатӣ сабт карда намешавад. Асос барои ин фармон дар бораи қабул ба кор ҳамчун муштараквазифа ва озод намудани он мегардад. Вақти корӣ барои аз рӯи кори муштарак агар ба вақти ҷои кори асосӣ мувофиқ наафтад, ба собиқаи корӣ ҳамроҳ мешавад ва дар ҳолати аз ҷои кори асосӣ озод шудан ва саривақт ба кор барқарор нашуда, корманде, ки кори муштараки хешро идома медиҳад, собиқаи меҳнатии бетанаффусро ҳифз мекунад.[28]

**22. Музди меҳнат чӣ тавр пардохта мешавад?**

Муҳлати пардохти музди меҳнат бояд дар шартномаи меҳнатӣ ё дигар санади меъёриву ҳуқуқӣ сабт гардида, на камтар аз як маротиба дар ҳар ним моҳ дода мешавад. Ба ибораи дигар, дар муҳлати як моҳ корманд бояд ду маротиба маблағи ба қисмат ҷудошудаи музди меҳнати хешро бигирад. Аз рӯи қоида, пешпардохт (нисфи маблағи музди маош) дар 15-ум рӯзи ҳар моҳ дода шуда, қисмати боқимондаи музди меҳнат дар охири моҳ дода мешавад.

Агар рӯзи пардохти музди меҳнат ба рӯзи истироҳат ё ғайрикорӣ рузхои ид мувофиқояд, он гоҳ музди меҳнат дар арафаи ин рӯз (як рӯз қабл аз рӯзи истироҳат ва ё санаи ғайрикорӣ) пардохт карда мешавад.[29]

**23. Танзими меҳнати кормандони алоҳида (масалан, кормандони воситаҳои ахбори умум) оё ягон хусусият дорад?**

Барои кормандони эҷодии ташкилотҳои касбии соҳаҳои санъат ва фарҳанг, воситаҳои ахбори омма, варзишгарон, мураббиён мумкин аст давомнокии дигар вақти корӣ тибки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳднома ва шартномаҳои коллективӣ, санадҳои корфармо муқаррар карда шавад.[30]

**24. Тартиби пешниҳоди рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи меҳнатӣ чӣ гуна аст?**

Кормандон, новобаста аз кордиҳанда, намуди шартномаи меҳнатии бастаи онҳо, барои гирифани рухсатии муқарраршудаи ниҳоӣ ва ё ҳарсоларо соҳиб ҳастанд. Рухсатии асосии ҳарсолаи камтарин барои ҳамаи кормандон ба таври ҳатмӣ дода мешавад. Давомнокии рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтарин 24 рӯзи тақвимиро ташкил медиҳад. Рӯзҳои ғайрикорӣ ва идона, вақтҳои ғайриқобили меҳнат, рӯхсатӣ

---

[26] Моддаи 235 КМ ҶТ
[27] Моддаи 233КМ ҶТ
[28] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи шароитҳои корӣ оид ба пардохти музди меҳнати муштараквазифа ва соатбайъи кормандони корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар таҳрири Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.04.2009с .№215)
[29] Моддаи 158 Кодекси меҳнати ҶТ
[30] Моддаи 75 қисми 3 Кодекси меҳнати ҶТ

барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ба рухсатии пардохтшавандаи солона дохил намешаванд.[31]

Рухсатии ҳамасола ба корманд дар ҳаҷми на камтар аз музди меҳнати моҳонаи ӯ пардохта мешавад. Пардохт на дертар аз як ҳафта то оғози рухсатӣ сурат мегирад.[32]

Пардохти рухсатӣ аз ҳисоби воситаҳои корфармо сурат мегирад.[33]

Рухсатии меҳнатӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои соли аввали корӣ на камтар аз 11 моҳ баъд аз фаъолияти корӣ аз ҷониби корфармо дода мешавад. (Дар базъе ҳолатҳо имкон дорад, ки дар соли аввал қабл аз 11 моҳ дода шавад, масалан, ба занон пеш аз баромадан ба рухсатии ҳомиланокӣ ва таваллуд ва ё пас аз он; шахсони аз ҳаждаҳсола хурд; кормандоне, ки ба кор тариқи интиқол қабул шудаанд; кормандони муштараквазифа, агар рухсатии меҳнатии онҳо аз ҷои кори асосӣ аз 11 моҳи кории муштараквазифа мегузарад; кормандоне, ки барои табобат ба истироҳатгоҳҳо роҳхат доранд; омӯзгорони муассисаҳои маърифатӣ; занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки соҳиби ду ва ё зиёда фарзанадони то чордаҳсола ё ки фарзанди маҷрӯҳи то ҳаждаҳсола доранд ва ғ.)

Пешниходи рухсатӣ мутаносибан ба рӯзҳои дар давоми сол кор кардашуда, аммо на камтар аз 14 рӯзи тақвимӣ дода мешавад . [34]

Корфармо уҳдадор аст, ки ба корманд дар муддати ҳар сол (ҳамасола) рухсатӣ диҳад.

Дар ҳолатҳои истисноӣ интиқоли русхатӣ ё қисмате аз он ба соли оянда сурат мегирад, ки он танҳо ба ризояти корманд анҷом дода мешавад. Қисмати интиқолёфтаи русхатии меҳнатӣ бо хоҳиши корманд ба русхатии соли оянда ҳамроҳ карда мешавад ва ё ин ки ба таври алоҳида, аммо на дертар аз давоми соли истифода аз ҳуқуқи ин русхатӣ истифода мегардад. Корманди ба синни ҳаждаҳ нарасида ҳуқуқи ба соли дигар гузаронидани русхатиро надорад.

Надодани русхатии меҳнатӣ дар давоми ду сол ба тартиби муайян манъ шудааст.[35]

**25. Оё ба журналистон пешниҳоди намудани рухсатии меҳнатӣ ягон хусусияти хос дорад.**

Бале, барои журналистон рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи меҳнатӣ ба муҳлати на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ дода мешавад.[36]

**26. Оё қонунгузорӣ мафҳуми кори фосилавиро пешбинӣ намудааст?**

Бале, қонунгузории меҳнати Тоҷикистон кори фосилавиро пешбинӣ намудааст.

Кори фосилавӣ шакли махсуси корие мебошанд, ки берун аз мавқеи ҷойгиршавии корфармо бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди кор сурат мегирад.

Дар ҳолати кори фосилавӣ корфармо ба корманд воситаи коммуникатсионӣ (воситаи алоқа) пешниҳод намуда, ҳамаи хароҷоти онро дар мавриди ба кор даровардан ва хизматрасонӣ бар уҳда мегирад. Агар корманд воситаҳои коммуникатсионии худро ба таври доимӣ истифода барад, корфармо дар ҳаҷм ва тарбити муқаррарнамудаи қарордод бо корманд ҷубронпулӣ пардохт мекунад.

[31] Моддаҳои 92, 93 КМ ҶТ
[32] Моддаи 112 КМ ҶТ
[33] Моддаи 113 КМ ҶТ
[34] Моддаи 104 КМ ҶТ
[35] Моддаи 108 КМ ҶТ
[36] Моддаи 90, 94 қисми 2 Кодекси меҳнати ҶТ

Бо ризояти тарафҳо ба корманди фосилавӣ инчунин дигар хароҷоти вобаста ба иҷрои корҳо барои корфармо (аз ҷумла, сарфи нерӯи барқ, об ва дигар хароҷот) пардохта мешавад.

Ҳамаи шартҳои кори фосилавӣ дар шартномаи меҳнатӣ мушаххас карда мешаванд.

Ба кормандони машғул дар кори фосилавӣ меъёрҳои давомнокии вақти корӣ ва вақти истироҳати муқаррарнамудаи қонунгузории меҳнати ҶТ татбиқ карда мешавад.

Баҳисобгирии вақти кории кормандони машғул дар кори фосилавӣ, шароити назорат аз болои ризояти реҷаи корӣ, шароит оид ба таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат низ дар шартномаи меҳнатӣ муқаррар карда мешавад.[37]

**27. Дар кадом ҳолат корфармо метавонад кормандро аз кор дур намояд?**

Аз кор дур намудани корманд– ин муваққатан барои иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ роҳ надодани корманд мебошад. Аммо дур намудан маънии қатъи шартномаи меҳнатиро надорад.

Корфармо уҳдадор аст, ки кормандеро дар вақти корӣ дар ҳолати мастӣ қарор дорад, ё моводи масткунанда, воситаҳои нашъаовар, дигар воситаҳои психотропӣ дар вақти корӣ истифода бурдааст, дур намояд ва дар ин муддати корӣ ба ӯ музди меҳнат пардохта намешавад.

Корфармо уҳдадор аст, ки кормандро аз кор бо талаби мақомоти давлатии мувофиқ, дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ дур намояд *(Масалан, агар кормандон ба содир намудани ҷиноят гумонбар шуда бошад)*.

Аз кор дур намудани корманд тавассути санадҳои махсуси корфармо дар муҳлатҳои муайян то дакик намудани сабабҳои барои аз кор дурнамоӣ асосшуда низ сурат мегирад.[38]

**28. Корфармо оё метавонад шароити меҳнатиро тағир диҳад?**

Корфармо ҳуқуқ дорад, ки шароити кориро тағир диҳад, агар чунин тағиротро технология ва ташкили истеҳсолоти меҳнатӣ муайян намуда бошад.

Корфармо уҳдадор аст, ки кормандонро дар бораи тағироти ба миёномадаи шароити меҳнат на камтар аз ду моҳ қабл аз он тағирот хабар диҳад. Агар корманд ба шароити нави меҳнатӣ розӣ набошад, бо ӯ шартномаи меҳнатӣ бо пардохти нафақаи истироҳатии на камтар аз музди миёнаи думоҳа қатъ намояд. Корманд ҳуқуқ дорад, ки дар бораи тағироти шароити меҳнат аз ҷониби корфармо ба суд шикоят намояд. Ҳангоми баррасии баҳс корфармо уҳдадор аст, ки имконпазир набудани шароити қаблии меҳнатро ба исбот расонад. [39]

**29. Дар кадом ҳолатҳо шартномаии меҳнатиро қатъ намудан мумкин аст?**

Шартномаи меҳнатӣ бо асосҳои зерин имкон дорад, ки қатъ карда шавад:

- **бо созиши тарафҳо***(шартномаи меҳнатӣ дар ҳар вақт имкон дорад, ки бо созиши тарафҳо қатъ карда шавад. Тарафе, ки мехоҳад, ки шартномаи меҳнатӣ бо созиши тарафҳо қатъ карда шавад, ба ҷониби дигар дархост дар ин бора ирсол менамояд.Тарафи маълумотро гирифта уҳдадор аст, ки дар муддати се рӯзи корӣ ба таври хаттӣ ба ҷониби дигар оиди қабули қарор хабар диҳад)*; [40]

---

[37] Моддаҳои 255-257 Кодекси меҳнати ҶТ
[38] Моддаи 50 Кодекси меҳнати ҶТ
[39] Моддаи 31 КМ ҶТ
[40] Моддаи 40 КМ ҶТ

- **бо ташаббуси корманд***(корманд ҳуқуқ дорад, ки шартномаи меҳнатии ба муҳлати номуайян басташударо бо сурати ба таври хаттӣ огоҳ кардани корфармо дар муддати ду ҳафта қабл аз ин қатъ намояд. Бо гузаштани муҳлати огоҳӣ корманд ҳуқуқ дорад, ки корро қатъ намояд, аммо корфармо уҳдадор аст, ки ба корманд дар кутоҳтарин фурсат дафтарчаи меҳнатии ӯро дода, бо вай ҳисобу китоб намояд. Бо хоҳиши корманд ва ризояти корфармо шартномаи меҳнатӣ то гузаштани муҳлати огоҳӣ қатъ карда мешавад. Дар муҳлати огоҳӣ корманд ҳуқуқ дорад, ки аризаи худро дар бораи қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бозхонд намояд, агар ба ҷои кори ӯ ба таври гузаронидан коргари дигар қабул нашуда бошад);* [41]
- **бо ташаббуси корфармо** *(қатъи шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо дар саволи баъдӣ баррасӣ шудааст);*
- **бо гузаштани муҳлати шартнома.** *(Шартномаи муҳлатноки меҳнатӣ бо гузаштани муҳлати он қатъ мегардад. Агар баъд аз анҷоми муҳлати шартномаи меҳнатӣ муносибатҳои меҳнатӣ давом кунанд ва ягон тараф дархости қатъи онро пешниҳод насозад, он гоҳ шартномаи меҳнатӣ аз нав барои муҳлати номуайян баста мешавад. Шартномаи меҳнатие, ки дар вакти набудани корманд баста шудааст ва барои у чойи кор нигох дошта шудааст аз рӯзи ба кор баргаштани корманде, ки пештар ин корро ичро мекард қатъ карда мешавад. Шартномаи меҳнатии ба вақти иҷрои кори муайян баста шудааст пас аз анҷоми он қатъ мегардад).*[42]
- **бо ҳолатҳои ба иродаи тарафҳо вобастанабуда .** *ҳангоми даъват ва ё ба хидмати ҳарбӣ рафтани корманд; бо анҷоми муҳлати ваколатҳо; ҳангоми ба кор барқарор шудани корманде, ки қаблан дар ин вазифа кор мекард; ҳангоми қувваи қонуни гирифтани қарор суд, ки дар асоси он корманд аз озодӣ маҳрум гардида буд; - ҳангоми ҳукми қонунӣ гирифтани қарор суд дар бораи эътирофи шахс ҳамчун гайри қобили меҳнат ва ё дорои қобилияти маҳдуди меҳнатӣ; вобаста ба марги корманд; ҳангоми вайрон намудани қоидаҳои қабул ба кор).*[43]
- **Гузаштани корманд ба кори (вазифаи) интихобӣ ё таъин намудани у ба вазифае, ки имконияти идомаи муносибатҳои меҳнатиро истисно мекунад.** *(Асос барои қатъи шартномаи меҳнатӣ дар ин ҳолат санади интихоб ва ё таъини корманд ба вазифа мегардад).*[44]

Қатъи шартномаи меҳнатӣ бо санади корфармо ба расмият даровард мешавад.[45]

### 30. Дар кадом ҳолатҳо шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо қатъ карда мешавад?

Яктарафа аз ҷониби корфармо бекор кардани шартномаи меҳнатӣ манъ аст ба истиснои ҳолатҳои муайяни дар қонунгузории меҳнати ҶТ муқарраршуда.

Ҳолатҳои истисноии мазкур аз инҳо иборат мебошанд:

- **Барҳам хурдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо – шахси вокеи ва ё ихтисор шудани шумора ва воҳиди кории кормандон.** *(Исботи барҳамхурии корхона ворид шудани тагирот ба реестри давлатии ташкилотҳо (ё реесри соҳибкорони инфиродӣ) ба шумор меравад. Корфармо уҳдадор аст, ки ба таври хаттӣ на камтар аз ду моҳ қабл аз озод намудани аз кор хабар*

[41] Статья 41 ТК РТ
[42] Моддаи 46 Кодекси меҳнати ҶТ
[43] Моддаи 48 Кодекси меҳнати ҶТ
[44] Қисми 2 моддаи 49 Кодекси меҳнати ҶТ
[45] Моддаи 39 Кодекси меҳнати ҶТ

*диҳад.Агар корманд ба суд муроҷиат намояд, он гоҳ суд муқаррар менамояд, ки оё мӯҳлати огоҳкунӣ вайрон шудааст ё на ва ӯ метавонад корфармоdo уҳдадор намояд, ки санаи аз кор озод намуданро ба 2 моҳ баъд аз қатъи воқеӣ ва пардохт дар ҳаҷми музди миёнаи думоҳ интиқол диҳад. Ба корманде, ки аз корхона бо сабаби ихтисори воҳидҳои корӣ ё тағири шароити меҳнат аз кор озод шудааст, кафолати пардохти ҷубронпулии думоҳа дар ҳаҷми на камтар аз музди миёнаи меҳнат то замони ба кори дигар барқарор шудан дар давоми ду ё се моҳ баъд аз озодшавӣ аз кор, бо қарори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дода мешавад, агар корманд дар давоми даҳ рӯз баъд аз озод шудан ба кор ба ин мақомот муроҷиат намояд ва расман дар ҷои дигар фаъолияти корӣ надошта бошад.);*[46]

- **қатъи шартномаи меҳнатӣ бо сабаби ивази соҳибмулк.** *(Ҳангоми иваз шудани соҳибмулки корхона ё азнавтаъсисдиҳии он (тақсимшавӣ, ҳамроҳшавӣ, ҷудошавӣ, ҷудокунӣ, азнавташкилдиҳӣ) муносибатҳои меҳнатӣ бо ризояти корманд давом меёбанд. Қатъи шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо дар ин ҳолат танҳо бар асосҳои пешбининамудаи Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ бо риояи ҳатмии кафолатҳои муқарраршуда сурат мегирад. Соҳибмулки нав дар мӯҳлати шаш моҳ аз рӯзи соҳиб шудан ба ҳуқуқи моликият ҳуқуқ дорад, ки шартномаи меҳнатии соҳибмулки пештараро бо роҳбарони ташкилот ва кормандон, ки вазифаҳои умумии идоракуниродар ташкилот иҷро мекунанд аз нав бандад ё бекор кунад. Аз тобеияти як макомот ба тобеияти макомоти дигар гузаронидани ташкилот амали шартномаи меҳнатиро қатъ карда наметавонад.*[47] *Ҳангоми қатъ намудани шартнома бо роҳбари ташкилот ва кормандоне, ки вазифаи умумии идоракунии ташкилотро иҷро мекунад, молики нав вобаста ба иваз шудани молик уҳдадор аст ба ҳар кадоми онҳо ҷубронпулӣ дар ҳаҷми на камтар аз музди мехнати шашмоҳа пардохт намояд.);* [48]

**ошкор гардидани номувофиқатии корманд дар вазифаи ишғолкунанда ва ё иҷрои кор бо сабаб нарасидани тахассус, ё ин ки ҳолати саломатии инсон, ки ба идомаи кори мазкур боис шудааст, агар ин номувофиқатии кормандро натиҷаҳои санҷиш ва хулосаи тибби тасдиқ намоянд** *(Номувофиқатӣ– ин ба таври объективӣ аз ӯҳдаи иҷрои кори ба дӯши корманд гузошташуда набаромадани ӯ мебошад. Номувофиқатии кормандро бояд корфармо собит намояд. Номувофиқатии корманд барои иҷрои босифати кори дар шартномаи меҳнатӣ пешбинишуда дар ҳолати аз натиҷаҳои он қаноатманд набудан, ба таври мунтаззам нуксон ошкор мегардад. Агар корманд корро ғайриқаноатбахш иҷро намояд ва сабаби ин ба вуҷуд наовардани шароити хуби меҳнатӣ аз тарафи корфармо бошад, он гоҳ ин номувофиқатӣ ба ҳисоб намеравад. Масалан, кормандро набояд бо сабаби номувофиқатӣ аз кор озод намуд, агар вай соҳиби дипломи тахассусӣ набошад ва ё ҳамзамон аз рӯи қонун мавҷудияти маълумоти тахассусӣ барои иҷрои ин кор талаб карда нашавад.*

*Набояд кормандро бо асосҳои пешниҳоднамудаи кормандоне, ки таҷрибаи кофии корӣ надоранд ва ё аз сабаби давом наёфтани мӯҳлати кор (кормандони ҷавон ва мутахассисони ҷавон ва ҳамзамон ноболиғон) аз кор озод намояд.*

*Озод намудан бо асосҳои мазкур танҳо дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки имконияти кормандон бо ризояти хаттии худ ба дигар кор гузаронидан барои корфармо мавҷуд нест.*

*Корфармо уҳдадор аст, ки кормандонро дар бораи чунин ҳолати қатъи шартномаи меҳнатӣ бо асасҳои мавриди назар як моҳ қабл огоҳ намояд;*

---

[46] Моддаи 169 КМ ҶТ
[47] Моддаи 38 КМ ҶТ
[48] Моддаи 170 КМ ҶТ

- **ба таври мунтаззам ва бе сабабҳои узрнок иҷро накардани уҳдадориҳое, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилии корхона ба дӯши корманд гузошта шудаанд. Агар ба корманд қаблан чораҳои интизомӣ андешида шуда бошад;**
- **бесабаб ба кор ҳозир нашудан, аз ҷумла дар чойи кор муддати се чаҳор соат хозир нашудан;**
- **ҳозир нашудан ба кор дар давоми бештар аз чор моҳи бефосила дар натиҷаи корношоямии муваққатӣ, бе ҳисоб кардани рухсатии давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати аз ин зиёдтари нигоҳ доштани ҷойи корро (вазифаро) ҳангоми бемории муайян муқаррар накарда бошад. Ба кормандоне, ки бо сабаби осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ қобилияти меҳнатиашонро гум кардаанд, то барқарор шудани қобилияти меҳнатӣ ё муқаррар гардидани маъюбӣ ҷойи кор (вазифа) нигоҳ дошта мешавад;**
- **дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҳозир шудан ба кор;**
- **ба қувваи қонунӣ даромадани қарори мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба дуздии молу мулк ва дигар кирдорҳое, ки давом додани корро истисно менамоянд;**
- **аз тарафи корманд содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти коррупсионӣ, ки дар асоси санади судӣ имконияти минбаъд давом додани корро истисно менамоянд;**
- **аз тарафи корманд давом додани иштирок дар корпартоӣ баъд аз ба маълумоти ӯ расонидани қарори суд дар хусуси ғайриқонунӣ эътироф намудани корпартоӣ ва ё манъи корпартоӣ;**
- **қатъ гардидани иҷозати корманд ба сирри давлатӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;**
- **аз тарафи роҳбари мақомоти иҷроияи корфармо, муовини ӯ ва ё роҳбари сохтори корфармо вайрон намудани уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба корфармо гардидааст;**
- **рад кардани аз муоинаи тиббӣ гузаштан барои муқаррар намудани воқеияти дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда қарор доштан;**
- **аз тарафи корманд вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ё бехатарӣ аз сӯхтор ва ё ҳаракат дар нақлиёт, ки боиси оқибатҳои вазнин, аз ҷумла ҷароҳат ва садама гардидаанд ё метавонад гарданд;**
- **аз тарафи корманд фош намудани маълумотҳои дорои сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ маълум шудаанд;**
- **қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо шахси дар ду ё якчанд ҷой коркунанда бинобар қабули шахсе, ки дар ду ё якчанд ҷой кор намекунад, инчунин вобаста ба маҳдуд гардонидани кор дар якчанд ҷой, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст;**
- **вайронкунии дағалонаи якдафъаинаи Кодекси мехнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбари ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовини ӯ** *(дар ин ҳолат ба дӯши корфармо уҳдадорие қарор дорад, ки собит намояд, чунин вайронкунӣ дар ҳақиқат ҷой дошта, хислати дағал дорад. Ба сифати вайронкунии дағал дар уҳдадориҳои*

*роҳбарияти корхона (филиал, намояндагиҳо), муовинони он метавонад аз ҷумла чунин ҳолатҳоро зикр намуд, баҳо додан ба иҷро накардани уҳдадориҳои меҳнатии дар шартнома зикргардид, ки боиси зарар ба саломатии кормандон ё зарари моддӣ ба корхона гардидаанд);*

- **аз ҷониби корманде, ки бо дороиҳои пулию молӣ бевосита кор мекунад, содир намудани кирдори зиддиҳуқуқие, ки барои нисбат ба ӯ гум шудани боварии корфармо асос мегардад** *(аз рӯи асоси мазкур имкон дорад, ки танҳо корманди бо воситаҳои пулӣ ва арзишҳои молӣ фаъолиятбарада новобаста аз он ки кадом намуди ин ҷавобгарии моддӣ (маҳдуд ё пурра) бар дӯши ӯ гузошта шудааст, озод карда шавад. Чунин ашхоси дорои ҷавобагарии моддӣ(аз рӯи қонун ё шартнома) фурӯшанда, хазинадор, мудири анбор ва ғайра мебошанд. (Ба чунин ашхос набояд посбонро ворид намуд, ончунон ки онҳо арзишҳои моддиро, ки дар ҳолати баста ва маҳкам нигоҳ дошта мешаванд, ҳифз мекунанд. Нобоварӣ ба корманд аз ҷониби корфармо бояд тавассати далелҳо (санад дар бораи ҳисобукитоб, изофанависӣ ва камомад) собит карда шавад;*
- **аз ҷониби корманде, ки вазифаҳои тарбиявиро иҷро менамояд, содир кардани рафтори бадахлоқона, ки барои давом додани он кор мувофиқ намебошад**; *Ғайриахлоқӣ чунин рафторе дониста мешавад, ки ба меъёрҳои умумиҷамъиятии ахлоқӣ хилоф мебошад (дар ҳолати мастӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳозир шудан,ҳарфи бад ба забон овардан, авбошӣ кардан, иҷрои рафторе, ки шарафи инсониро паст мезанад в г.) Чунин рафтор имкон дорад, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ё хонавода ба вуқуъ пайвандад (Масалан, омӯзгор занашро мезанад, фарзандонашро мавриди азоб карор медихад).;*
- **пешниҳоди маълумоти нодуруст, ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва риоя накардани дигар қоидаҳои муқаррарнамудаи Кодекси мехнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабул ба кор;** *(дар ин ҳолат қалбакӣ будани ҳуҷҷатҳо бояд тавассути ташхиси криминалистӣ ва дигар усулҳои собиткунӣ ба исбот расонида шавад);*
- **манфӣ будани натиҷаи кор дар давраи муҳлати санҷиш ҳангоми ба кор қабул намудан.** *Дар ҳолати ошкор гардидани натиҷаҳои манфии кор дар муҳлати санҷиш корфармо ҳуқуқ дорад, ки бо ӯ шартномаи меҳнатиро бо огоҳ намудан ба тариқи хаттӣ дар муддати на барвакттар аз ҳафт рӯзи тақвими то анҷоми муҳлати санҷишӣ бо нишон додани сабаби асос барои эътирофи аз санҷиш нагузаштани корманд гардида қатъ намояд.*[49]

Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо дар давраи корношоямии муваққатӣ (ба ғайр аз озодкунӣ аз кор барои хозир нашудан ба кор дар муддати чор мох бо сабаби муваккатан гайри кобили мехнат будан) ва дар давраи дар рухсатӣ ё сафари хизматӣ будани корманд, ба истиснои ҳолатҳои барҳам хӯрдани ташкилот, қатъ шудани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ, роҳ дода намешавад.[50]

**31. Дар кадом муҳлатҳо корфармо бояд кормандро дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ огоҳ намояд?**

Корфармо ухдададор аст кормандро дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ, ки ба муҳлати номуайян баста шудааст, дар муҳлатҳои зерин ба таври хаттӣ огоҳ кунад:

- ҳангоми бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бинобар барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ ва ё ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон на дертар аз ду моҳ;

[49] Моддаи 28 қисми 8 КМ ҶТ
[50] Моддаи 42 қисми 4 КМ ҶТ

- ҳангоми бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бинобар ба кори иҷро мекардааш мувофиқ набудани корманд аз сабаби нокифоягии ихтисос ё вазъи саломатӣ на камтар аз як моҳ.

Дар давраи огоҳонӣ ба корманд ҳуқуқ дода мешавад, ки барои ҷустуҷӯи кори дигар ҳафтае на камтар аз як рӯз бо нигоҳ доштани музди кор ба кор набарояд.

Бо созишномаи тарафҳо шартномаи меҳнатӣ метавонад аз рӯи асосҳои зикршуда то ба охир расидани муҳлати огоҳонӣ бо додани ҷубронпулӣ дар ҳаҷми на камтар аз музди меҳнати миёнаи рӯзона барои ҳар рӯзи боқимондаи то ба охир расидани ин муҳлат бекор карда шавад.[51]

**32. Оё имкон дорад, ки корманд ба кори нисбатан сабуктар вобаста ба вазъи саломатӣ гузаронида шавад?**

Корфармо уҳдадор аст кормандонеро, ки бо сабаби вазъи саломатӣ, аз ҷумла маъюбӣ, бемории касбӣ ё дигар сабаби носолимии вобаста бо иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ба кори нисбатан сабуктар эҳтиёҷ доранд, бо мувофиқаи онҳо ва мутобиқи хулосаи тиббӣ онҳоро муваққатан ё бе маҳдудияти муҳлат ба чунин кор гузаронида, аз рӯи имконият ҷойҳои нави корӣ ташкил намояд.

Дар ҳолатҳое, ки бо сабаби маъюбии меҳнатӣ, бемории касбӣ ё дигар сабаби носолимии вобаста бо иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ зарурати тағйири ихтисос пеш меояд, корфармо уҳдадор аст барои ба кор таъмин намудани корманди муҳтоҷи такмили ихтисос азнавтайёркунии ӯро бо нигоҳ доштани музди миёнаи меҳнати ӯ дар давраи мазкур, вале на зиёда аз дувоздаҳ моҳ ташкил намояд.

Агар шароити истеҳсолот ба ташкили бо кор таъмин намудани корманди дар раванди кор маъюбшуда, бемории касбӣ ё дигар сабаби осеби ба саломатӣ бинобар иҷрои уҳдадории меҳнатӣ расида имкон надиҳад, шартномаи меҳнатӣ бо ӯ қатъ карда, барои аз кор рафтан кумакпулӣ пардохт карда мешавад.

Андозаи кумакпулӣ барои аз кор рафтан бо ризогии тарафҳо муайян карда мешавад ва андозаи он набояд аз музди миёнаи меҳнати шашмоҳаи корманд камтар бошад.[52]

## III.КОРГУЗОРӢ

[51] Моддаи 45 КМ ҶТ
[52] Моддаи 338 КМ ҶТ

**33. Оё барои пешбурди коргузорӣ дар ташкилот ягон талабот мавҷуд аст?**

Бале, талаботхои муайян барои пешбурди коргузори дар ташкилотхо муайян карда шудааст. Бо Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 28 июли соли 2017 таҳти рақами 358 Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотхои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдик карда шудааст, ки мутобиқи он барои кормандони дастгох тартиби ягонаи тайёр намудани хуччатхо, ба расмият даровардан, ба кайд гирифтан, истифода бурдан, назорат ва нигох доштан муайян карда шудааст.

Мувофики Дастури мазкур ташкилотхо бояд дастурхои сохавии хешро оид ба коргузорӣ таҳия намояд. [53]

**34. Кадом намуди ҳуҷҷатҳо дар корхона тартиб дода мешаванд ва онҳо чи тавр ба расмият дароварда мешаванд?**

Мутобиқ ба таҷрибаи мавҷуда дар корхонаҳо ҳуҷҷатҳои ташкилӣ- амрдиҳӣ (қарорҳо, фармонҳо, амр, низомномаҳо, дастурҳо, санадҳо, хулосаҳо, маърӯзаҳо, мактубҳо) ва ҳуҷҷатҳое, ки ба гурӯҳи ташкилӣ-амрдиҳӣ шомил нестанд, яъне ҳуҷҷатҳои оморӣ, молиявӣ, лоиҳаҳо- тарҳҳо, тиббӣ ва ғайра тартиб дода мешаванд.[54]

Тартиб додан ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо риояи ҳатмии талаботи зеринро дорад: нишон додани намуди ҳуҷҷат, номи ташкилот ва сарлавҳаи ҳуҷҷат, гирандаи он, гузоштани сана, гузоштани қайдхо оид ба мувофиқаткунии матни ҳуҷҷат, тасдиқи ҳуҷҷат (имзо ва тасдиқ кардан, гузоштани қайдхо оид ба гардиш ва иҷрои ҳуҷҷат, гузоштани муҳр(дар холатхои зарури)).[55]

Номгузории ҳуҷҷат бояд дар ҳар як ҳуҷҷат, ба истиснои мактуб мавчуд бошад, масалан, ФАРМОН, ФАРМОИШ, АМР, ПРОТОКОЛ, ҚАРОР, ГУЗОРИШ ва ғ. (ин унсури ҳуҷҷатҳо бо ҳарфҳои калон навишта мешаванд).

Ба ҳар як ҳуҷҷате, ки дар варақи андозаи А4 таҳия мешавад, новобаста аз таъиноти он, сарлавҳа тартиб дода мешавад. Сарлавҳа бояд мухтасар ва дақиқ буда, ба саволи "Дар бораи ...", "Дар бораи тағйир додани ...", "Дар бораи чудо намудани ...", "Дар бораи бекор кардани ..." ва ғайра ҷавоб дошта бошад. Агар дар ҳуҷҷат якчанд масъала инъикос гардад, он гоҳ сарлавҳаро ба таври ҷамъбасткунанда тартиб додан мумкин аст. Дар барқияи телефонӣ, хабарномаҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки матни онҳо дар бланкҳои андозаи А5 чоп карда мешавад, сарлавҳа гузошта намешавад.[56]

Шакли мувофиқакунии дохилии лоиҳаи ҳуҷҷат манзурӣ (виза) гузоштани он мебошад. Манзурӣ дар худ имзои шахсии хонои шахси ҳуҷҷатро имзокарда ва санаи онро дар бар мегирад. Ҳангоми зарурат вазифа ва насаб, ном, номи падари шахси манзурӣ гузоштаро нишон додан мумкин аст. (Масалан: Сармуҳосиб, имзо насаб, ном, номи падар 15.12.16)[57]

Санаи ҳуҷҷат санаи имзо ва ё тасдиқ шудани он мебошад[58].

Ба ҳуҷҷати ирсолшаванда танҳо роҳбари ташкилот имзо мегузорад. Дар сурати набудани роҳбари корхона онро метавонад муовини ӯ имзо кунад. Ба ҳуҷҷатҳои молиявӣ роҳбари ташкилот ё шахси бо конун ваколатдоршуда ва сармуҳосиб бо ранги кабуд имзо мегузорад.[59]

---

[53] Банди 4 Дастурамал

[54] Банди 11 Дастурамал

[55] Банди 16 Дастурамал

[56] Бандхои 18, 19 Дастурамал

[57] Банди 27 Дастурамал

[58] Банди 21 Дастурамал

[59] Банди 34 Дастурамал

Ба ҳуҷҷатҳое, ки аслӣ будани онҳо тасдиқи махсусро талаб менамоянд, ба ғайр аз имзо, мухр низ гузошта мешавад[60].

**35. Протоколхо чӣ гуна ба расмият даровარда мешаванд?**

Дар ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ, машваратҳо ва маҷлисҳои гузаронидашаванда бояд протоколҳо тартиб дода шаванд. Протоколҳои ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ дар давоми соли тақвимӣ рақамгузорӣ карда мешаванд.

Матни протокол бояд аз ду қисм иборат бошад: муқаддимавӣ ва асосӣ. Дар қисми муқаддимавии протоколи ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ, машваратҳо шумораи умумии иштирокчиён, шумораи шахсони ба ҷаласа даъватшуда, рӯзномаи ҷаласа, ҳайати раёсат, насаб, ном, номи падари раис ва котиби маҷлис, бо номгӯи масъалаҳои баррасишаванда, нишон додани вазифа ва насаб, ном, номи падари маърузачиён зикр карда мешавад.[61]

Агар шумораи шахсони даъватшуда ба ҷаласаи мақоми машваратӣ, машварат, ҷаласа аз 5 нафар зиёд бошад, он гоҳ руйхати онҳо дар шакли ҳуҷҷати алоҳидаи замимашаванда ба протокол тартиб дода мешавад.

Қисми асосии протоколи ҷаласаи мақомоти машваратӣ, машварат ва маҷлис бояд аз фаслҳои мутобиқ ба бандҳои рӯзнома иборат бошад.

Матни ҳар як фасли асосӣ бояд аз таркибҳои: шунида шуд, баромад карданд, қарор кард, таркиб ёфта бошад.

**Протоколхои** чаласахои мақоми машварати дар бланкхо чоп карда шуда, аз тарафи раиси мақоми машварати имзо карда мешавад, ба протоколхои машваратхо шахсе, ки онро гузаронидааст, имзо мегузорад, ба протоколи маҷлисҳо бошад Раис ва котиби он имзо мегузоранд.[62]

**36. Ҳуҷҷатҳо дар корхона чӣ тавр интиқол ва қабул мегарданд?**

Қабул ва супоридани ҳуҷҷатҳои воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ дар ҳамаи марҳилаҳои гардиши худ бо гузоштани имзо амалӣ мешавад. Супоридани ҳуҷҷатҳо аз як воҳиди сохторӣ ба воҳиди сохтории дигар ё аз як корманд ба корманди дигар ҳатман тавассути воҳиди сохтории коргузорӣ сурат гирифта, дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳо оид ба гардиши ҳуҷҷатҳо қайд карда мешавад.[63]

Ба раванди иҷрои ҳуҷҷатҳо ва супоришҳои дар онҳо буда, роҳбарият тавассути воҳиди сохтории коргузорӣ ва ё шахсони алоҳидаи масъул назорат мебарад.[64]

**37. Дар ташкилот кадом намуди дафтархои бакайдгири бояд тартиб дода шаванд?**

Барои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ дафтарҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ;
- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои дохилӣ;
- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ;
- дафтари бақайдгирии қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дафтари бақайдгирии супоришҳои хаттӣ ва протоколҳои маҷлисҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

[60] Банди 44 Дастурамал
[61] Бандҳои 52, 53 Дастурамал
[62] Бандхои 54, 55, 56, 63 Дастурамал
[63] Банди 108 Дастурамал
[64] Банди 116 Дастурамал

- дафтари бақайдгирии супоришҳои хаттӣ ва протоколҳои маҷлисҳои назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дафтари бақайдгирии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- дафтари бақайдгирии барқияҳои ҳукуматӣ;
- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои баргардонидашуда.[65]

**38. Дар кадом мухлат ташкилот бояд ба мурочиатхои шахсони вокеи ва хукуки (макомот, ташкилотхо, муассисахо ва г.) чавоб дихад?**

Мурочиатҳои ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳодшуда дар давоми си рӯз ва мурочиатҳое, ки омӯзишу таҳқиқи иловагиро талаб намекунанд, дар муҳлати понздаҳ рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шуданашон баррасӣ карда мешаванд.

Дар ҳолатҳои истисноӣ роҳбари мақомоту ташкилоти дахлдор ҳуқуқ дорад муҳлати баррасии мурочиатро ба муддати на зиёдтар аз сӣ рӯз тамдид намуда, дар ин хусус ба мурочиаткунанда дар муҳлати се рӯз хабар расонад.[66]

Тартиби коргузорӣ оид ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "1" июни соли 2017, № 276 тасдиқ шудааст ба танзим медарорад.

Ҳангоми ворид шудани миқдори начандон зиёди мурочиат (соле то 100 дона) варақаи бақайдгирии назоратӣ тартиб дода нашуда, онҳо танҳо дар дафтарҳо ба қайд гирифта мешаванд. Лифофаҳои онҳо дар мавридҳое нигоҳ дошта мешаванд, ки агар танҳо аз рӯи онҳо суроғаи ирсолкунандаро муқаррар кардан мумкин бошад, ё агар санаи муҳри почта барои тасдиқ намудани вақти фиристодан ва гирифтани мурочиатнома, иичунин дар дигар мавридҳо зарур шаванд. Дар сурати шахсан қабул кардани шахси воқеӣ ва намояндаи шахси ҳуқуқӣ, мурочиатҳои хаттию шифоҳии онҳо низ бояд дар дафтарҳои дахлдор ё варақаҳои бақайдгирии назоратӣ ба таври марказонидашуда қайд карда шаванд. Шохиси бақайдгирии мурочиат дар муҳри бақайдгарӣ нишон дода мсшавад, ки ҷои гузориш ва шакли онро стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Шохиси бақайдгирӣ аз ҳарфи аввали насаби муаллиф ва рақами тартибии мурочиати воридшуда (масалан, А-117) иборат мебошад. Шохиси бақайдгирӣ бо дигар аломатҳое, ки мураттабсозӣ, ҷустуҷӯ, таҳлил ва беосеб нигоҳ дошта шудани мурочиатҳои шаҳрвандонро таъмин менамоянд, пурра шуда метавонад.[67]

**39. Кадом қоидаҳои ҳифзи ҳуҷҷатҳо дар корхона мавҷуд аст?**

Барои ҳифзи ҳуҷҷатҳои ташкилот вохиди сохтории коргузорӣ роҳбарони воҳидҳои сохтори масъул мебошанд.

Парвандахо аз лаҳзаи огоз дар коргузорӣ ва то лаҳзаи ба бойгонии корхона супорида шудан ё нест гардидан дар яке аз утоқҳои корӣ дар ҷевонҳои сахт ё иншоотҳои махсусан қулфкардашуда нигоҳдорӣ мешаванд.

Гирифтан ва додани нусхаи аслии хамагуна хуччат аз парвандахои мухлати нигахдориашон доими манъ аст. Дар ҳолатҳои истисноӣ (масалан, бо талаби мақомоти судӣ-тафтишотӣ) гирифтани чунин ҳуҷҷатҳо бо иҷозати роҳбарият ва гузоштани нусхаи тасдиқшудаи ҳамон ҳуҷҷат ва санад дар бораи гирифтани нусхаи он (кай, кӣ ва барои чӣ гирифтааст) сурат мегирад.[68]

**40. Делаи шахсӣ чист?**

---

[65] Банди 112 Дастурамал

[66] Моддаи 18 Конуни ЧТ «Дар бораи мурочиати шахсони вокеи ва хукуки»

[67] Банди 4, 5 Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

[68] Банди 165,166, 167 Дастурамал

Делои шахсӣ ин маҷмӯи ҳуҷҷатҳои бақайдгирии кадрӣ мебошад, ки дар он ба таври пурра дар бораи корманд ва фаъолияти ӯ маълумот мавҷуд аст.

Делои шахсӣ пас аз баровардани фармон дар бораи қабул ба кор ба расмият дароварда мешавад.

Ҳуҷҷатҳо дар делаи шахсӣ бо тартибӣ зайл ҷобаҷогузорӣ мешаванд;

- рӯйхати ҳуҷҷатҳои дар делои шахсӣ мавҷудбуда;
- ариза оид ба қабул ба кор, роҳхат ва ё пешниҳод;
- анкета, варақаи ба қайдгирии кадрҳо;
- ҳолнома;
- ҳуҷҷат дар бораи маълумот;
- нусха аз фармонҳо дар бораи таъинот, интиқол ва озод намудан.

Фармонҳо оид ба ҳайати шахсӣ ба таври алоҳида аз фармонҳои фаъолияти асосӣ гурӯҳбандӣ мешаванд.[69]

Дар идомаи делои шахсӣ ҳуҷҷатҳои зерини шахсӣ, ки дар фаъолияти корманд ба расмият медароянд, дӯхта мешаванд:

- варақаи аттестатсионӣ;
- пешниход дар бораи харакати корманд;
- дигар маводи тавсифӣ ва иловагӣ, ки дар боло зикр гардиданд.

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ дар баста (папка) духта мешаванд. Дар бораи он ному насаб, номи падар, санаи ба кор қабул шудан (санаи оғози варақаи шахсӣ), шумораи делои шахсӣ нишон дода мешавад.

**41. Варақаи шахсӣ чист ва он чи тавр ба расмият дароварда мешавад?**

Варақаи шахсӣ дар мавриди баҳисобкории кадрӣ асоси делои шахсӣ мебошад.

Варақаи шахсӣ дар таркиби делои шахсӣ бо ширеш намудани акси соҳиби он ба андозаи 4x6 см гузошта мешавад. (Акс ҳангоми 25 ва 45 солагӣ нав карда мешавад).

Варақаи шахсӣ бо дасти худи соҳиби он, фахмо, бе хатоги ва ихтисори номи корхона пур карда мешавад.

Ҳангоми пур кардани маълумот дар бораи фаъолияти меҳнатӣ вақти ворид шудан ба кор ва озод шудан аз ҳар вазифа дар асоси фармони ҳайати шахсӣ ва ё қайд ба дафтарчаи меҳнатӣ зикр мегардад.

Варақаи шахсӣ оид ба ҳисоби кадрҳо аз ҷониби корманди хадамоти кадрӣ санҷида мешавад.

Корманде, ки варақаи шахсӣ пур кардааст, уҳдадор аст дар бораи ҳамаи тағиротҳои баъдӣ барои ворид намудани тағирот ба делои шахсии он хабар диҳад. (тағирот дар ному насаб, аҳволи оилавӣ, суроғаи хона, ба хориҷа рафтан, маълумот, гирифтани дараҷаи илмӣ ва ғ.)

42. Варакаи шахсии корманд чист?

Варақаи шахсии корманд - ҳуҷҷати ба як шакли муайян дароварда мебошад, ки дар асоси фармоиши роҳбари ташкилот дар бораи қабул ба кор, аз ҷониби кормандони ҳамаи соҳаҳо пур карда мешавад, ки намунаи он аз ҷониби мақомоти омор тасдиқ карда

[69] Бандҳои 144, 146 Дастуруламал

мешавад. Варақаҳои шахси (шакли Т-2) аз рӯйи тартиби алифбоӣ ҷойгир карда мешаванд.[70]

43. Коргузори оид ба мурочиатхои шахсони вокеи ва хукуки чи тавр ба рох монда мешавад?

Коргузори вобаста ба мурочиатхо ва арзу шикоятхои шахсони вокеи ва хукуки тибки Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи мурочиати шахсони вокеи ва хукуки» ва Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба рох монда мешавад.[71]

## IV.ЗАМИМА

Замимаи №2 ба Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотхои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дафтари ба кайдгирии хуччатхои воридоти**

| № р/т | Санаи воридшавии хуччат | Ракамихуччати воридшуда | Коррес пандент | Мазмуни мухтасар | Шумораи сахифахо асоси /замима | Резалютсия ё ин ки хуччат ба ки равона шудааст. | Мухлати ичро | Кайд дар бораи ичро ва ракамибаста дар кучо хуччат духта шудааст. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

Замимаи №3 ба Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотхои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дафтари ба кайдгирии хуччатхои содироти ва дохили**

| № р/т | Сана ва ракамихуччат | Корреспандент | Мазмуни мухтасар | Кайд дар бораи ичро ва ракамибаста дар кучо хуччат духта шудааст. | Шумораи сахифа |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |

[70] Банди 147 Дастурамал

[71] Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "1" июни соли 2017, № 276 тасдиқ шудааст

Замимаи № 2 ба Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид
ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

## ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ ХАТТИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

| Рақами тартибӣ | Санаи воридшавӣ | Насаб, ном ва номи падар | Суроғаи маҳалли истиқомат | Муҳтавои муроҷиат | Ба куҷо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ ва санаи иҷро | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Замимаи № 3 ба Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид
ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

## ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ ХАТТИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

| Рақами тартибӣ | Сана ва рақами воридшавӣ | Номи пурра | Суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ | Сана ва рақами содиротӣ | Муҳтавои муроҷиат | Ба куҷо ва ба кӣ Барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

Замимаи № 4 ба Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид
ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

## ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

| Рақами тартибӣ | Сана ва рақами воридшавӣ | Насаб, ном ва номи падари шахси воқеӣ ва номи пурраи шахси ҳуқуқӣ | Суроғаи почтаи электронии муроҷиаткунанда | Муҳтавои муроҷиат | Ба куҷо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ | Сана ва рақами содирот тавассути кадом почтаи электронӣ | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

Замимаи № 5 ба Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид
ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

**ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ АЛОҚАИ ТЕЛЕФОНӢ (МОБИЛӢ)**

| Рақами тартибӣ | Рақами телефони муроҷиаткунанда | Насаб, ном ва номи падари шахси воқеӣ ва номи пурраи шахси ҳуқуқии муроҷиаткунанда | Суроғаи маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ва маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ | Муҳтавои муроҷиат | Суроғаи почтаи электронӣ | Ба куҷо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ | Сана ва рақами содирот, рақами телефон | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

## V. РУЙХАТИ МАВОДИ ИСТИФОДАШУДА


1. Қонуни ҶТ«Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма».
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг».
3. Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи мурочиати шахсони вокеи ва хукуки».
4. Кодекси меҳнати ҶТ.
5. Кодекси граждании ҶТ.
6. Справочник к Трудовому кодексу РФ (под редакцией академика РАСН К.Н. Гусева, Москва, 2009 г.).
7. Справочник по кадровому делопроизводству (под редакцией Л.В. Трухановича и Д.Л. Щура, Москва «Дело и Сервис», 2008 г.).
8. «Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотхои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 28 июли соли 2017 таҳти рақами 358 тасдиқ шудааст.
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шароити кори кормандони муштараквазифа ва соатбайъ ва пардохти музди меҳнати онҳо дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон » (дар таҳрири Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.04.2009с.№215)
10. Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "1" июни соли 2017, № 276 тасдиқ шудааст